Бо қарори мушовараи Вазорати
маориф ва илми Ҷумҳурии
Тоҷикистон
аз «_29_»__06__ соли 2016, №__9/41__
тасдиқ карда шудааст.

# Низомномаи намунавии раёсат (шуъба)-и илм ва инноватсияи муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Низомномаи намунавии мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника», «Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва илм таҳия гардида, тартиби фаъолияти раёсат (шуъба)-и илми муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд.

1.2. Раёсат (шуъба)-и илм ва инноватсияи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (минбаъд: раёсат (шуъба)) яке аз сохторҳои асосии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ буда, роҳбарӣ ва назорат аз болои корҳои илмӣ-таҳқиқотии устодону омузгорон ва донишҷӯён, фаъолияти инноватсионӣ, омодакунии кадрҳои илмӣ, илмӣ-педагогӣ, ташкили такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳои илмӣ, фаъолияти илмии магистратура, докторантура аз рӯи ихтисос (аспирантура) ва докторантураро ба роҳ мемонад.

1.3. Раёсат (шуъба) фаъолияти худро дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоиш ва дастурҳои вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи мазкур, оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, фармоишҳои ректори муассиса, супоришҳои муовини ректор оид ба илм ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва илм ба роҳ мемонад.

1.4. Раёсат (шуъба) дар тобеияти бевоситаи муовини ректор оид ба корҳои илмӣ қарор дорад.

1.5. Раёсат (шуъба) ба корҳои илмӣ-тадқиқотие, ки кафедраҳо ва факултетҳо иҷро мекунанд, роҳбарӣ менамояд.

1.6. Фаъолияти раёсат (шуъба) аз ҳисоби маблағҳои харҷномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (маблағҳои буҷетӣ, суратҳисоби махсус ва дигар сарчашмаҳо, ки тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ нашудаанд) ба роҳ монда мешавад.

1.7. Ба корҳои илмӣ-таҳкикотӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ профессорон, дотсентон, омӯзгорон, ассистентон, докторантон аз рӯи

ихтисос (аспирантон), докторантон, унвонҷӯён, донишҷӯён, коромӯзон ва ҳамчунин, шахсоне, ки барои иҷрои корҳои илмӣ аз дигар ташкилотҳо бо мақсади таҷрибаомӯзи, такмили ихтисос ё бозомӯзӣ сафарбар гардидаанд, ҷалб карда мешаванд.

1.8. Раёсат (шуъба) аз натиҷагирии фаъолияти худ дар доираи ҳуқуқ ва тартибе, ки низомномаи мазкур муқарар намудааст, масъулият ва ҷавобгариро ба зимма дорад.

## 2. Сохтор ва ҳайати раёсат (шуъба)

2.1. Дар сохтор ва ҳайати раёсат (шуъба) метавонанд шӯъба ва бахшҳо оид ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, фаъолияти инноватсионӣ, омодакунии кадрҳои илмӣ, илмӣ-педагогӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳои илмӣ, фаъолияти докторантура аз рӯи ихтисос (аспирантура) ва докторантура, фаъолияти табъу нашр ва ғайра таъсис дода шаванд.

## 3. Ҳадаф ва вазифаҳои раёсат (шуъба)

3.1. Раёсат (шуъба) масъули иҷрои вазифаҳои зерин мебошад:

- муайян намудани самтҳои асосӣ ва афзалиятноки корҳои илмӣ-таҳқиқотии устодону омӯзгорон, докторантҳо аз рӯи ихтисос (аспирантон), докторантҳо, магистрҳо, унвонҷӯён ва донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;
- ҳамоҳанг сохтани корҳои илмӣ, ки дар кафедраҳо бо мақсади иҷрои корҳои мукаммали бунёдӣ, иктишофӣ ва амалӣ сурат мегиранд;
- таҳияи лоиҳаи шартномаҳои хоҷагидорӣ оид ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва шартномаҳо оид ба татбиқи дастовардҳои илмӣ-техникӣ бо муассиса ва ташкилотҳо;
- тартиб ва танзими шартномаҳо оид ба ҳамкориҳои эҷодӣ;
- таъмини сатҳи зарурии илмӣ-техникии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва самаранокии онҳо, татбиқи онҳо дар истеҳсолот ва раванди таълим;
- назорати иҷрои нақшаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии муассиса, факултет, кафедра ва нақшаҳои инфиродии омӯзгорон дар қисмати корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ;
- анҷом додани баҳогузории маҷмӯии ҳарсола ба фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии кафедраҳо ва устодону омӯзгорон тибқи тартиби муқарраргардида;
- ташкил ва гузаронидани конференсияҳо, семинарҳо, симпозиумҳо ва дигар чорабиниҳои илмӣ;
- ташкили табъу нашри маҷмӯъаҳои мақола ва асарҳои илмии ҳайати профессорӣ-омӯзгорӣ ва таълимгирандагони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;
- ташкили корҳои иктишофӣ, патентӣ, литсензионӣ ва иттилоотӣ-маълумотӣ;
- назорати фаъолияти парки технологӣ ва марказҳои инноватсионӣ, бюроҳои конструкторӣ, таҳқиқотӣ, лоиҳакашӣ, технологӣ ва иқтисодии донишҷӯён, гузаронидани озмуни олимони

ҷавони навовари беҳтарин, донишҷӯ ва рушди илмӣ-техникӣ, иштирок дар озмун барои ҷудо кардани грантҳои хурд барои донишҷӯён ва ғ.;

- назорати фаъолияти Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва факултетҳо, иҷрои рисолаҳои хатми бакалавриат, мутахассис ва магистратура, корҳои (лоиҳаҳои) курсӣ;

- назорати фаъолияти Шӯроҳои диссертатсионӣ, ки дар заминаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таъсис ёфтаанд;

- ҳамоҳангсозии фаъолияти Шӯрои олимони ҷавон, Ҷамъияти илмии донишҷӯён ва маҳфилҳои илмии донишҷӯён;

- назорат аз болои фаъолияти илмии магистрантон, докторантҳо аз рӯи ихтисос (аспирантон), докторантҳо ва унвонҷӯён;

- танзим ва пешниҳод намудани мавод оид ба ҳавасмандкунии ҳайати устодону омӯзгорон ва таълимгирандагон барои бомуваффақият анҷом додани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, иштироки фаъолонаи онҳо дар кори конференсияҳо, семинарҳо, симпозиумҳо ва дигар чорабиниҳои илмӣ;

- ташкили намоишгоҳҳо, озмунҳо ва намоиши дастовардҳои илмӣ-таҳқиқотӣ;

- назорати фаъолияти китобхонаҳои анъанавӣ ва электронии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;

- омода кардани ҳисоботи илмӣ ва маълумотномаҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тибқи талаботи мақомоти дахлдор;

-дар якҷоягӣ бо маъмурияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мусоидат намудан ба таъсиси заминаи муосири илмӣ ва озмоишӣ барои гузаронидани таҳқиқотҳои илмӣ аз тарафи ҳайати устодону омӯзгорон, таълимгирандагон ва унвонҷӯён доир ба мавзӯъҳои интихобкардаашон ва ба роҳ мондани намудҳои дигари фаъолияти илмӣ ва инноватсионӣ.

**4. Вазифаҳои сардор (мудир)-и раёсат (шуъба)**

4.1. Сардор (мудир)-и раёсат (шуъба) бо пешниҳоди муовини ректор оид ба корҳои илмӣ аз тарафи ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба вазифа таъин ва озод карда мешавад. Сардор (мудир)-и раёсат (шуъба) масъули иҷрои вазифаҳои хизматии зерин мебошад:

- муайян намудани самтҳои асосӣ ва афзалиятноки корҳои илмӣ-таҳқиқотии омӯзгорон ва таълимгирандагони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;

- ҳамоҳанг сохтани корҳои илмие, ки дар факултет ва кафедраҳо бо мақсади иҷрои корҳои мукаммали бунёдӣ, иктишофӣ ва амалӣ сурат мегиранд;

- сарфаҷуёна истифода бурдани маблағҳои пулӣ бо мақсади рушди заминаи моддӣ-техникии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ;

- тарғиби дастовардҳои илмӣ-техникии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тавассути ташкил намудани конференсияҳо, семинарҳо, симпозиумҳо, дигар чорабиниҳои илмӣ, намоишгоҳҳо, нашри асарҳои илмӣ;

- санҷиши иҷрои амру фармоишҳо, дастуру супоришҳои роҳбарияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ;

- ҳамоҳанг сохтани фаъолияти Шӯрои олимони ҷавон, Ҷамъияти илмии донишҷӯён ва маҳфилҳои илмии донишҷӯён;

- назорат аз болои манбаъҳои молиявии мавзуъҳои фармоишӣ аз тарафи факултет ва кафедраҳо ва риояи муҳлати иҷрои онҳо;

- танзими ҳуҷҷатнигорӣ ва назорати иҷрои саривақтии он;

- ташкил ва гузаронидани конференсияҳои солонаи илмӣ-амалӣ ва илмӣ-методии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;

- назорат аз болои ба нашр омода сохтани мақолаҳои илмӣ, монографияҳо ва нашри маҷмӯаи осори илмии устодону омӯзгорон ва таълдимгирандагони устодону омӯзгорон;

- ҳамоҳанг сохтани ширкати ҳайати устодону омӯзгорон, таълимгирандагон ва унвонҷӯён дар конференсияҳои илмӣ ва методии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, байнидонишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ.

## 5. Ҳуқуқҳои сардор (мудир)-и раёсат (шуъба)

5.1. Сардори раёсат (шуъба) ҳуқуқ дорад:

- аз факултетҳо, кафедраҳо ва дигар воҳидҳои сохтории муассисаи таҳсилоти олии касбӣ маълумоти зарурӣ ва ҳисобот талаб намояд;

- ба маҷлисҳои ректорат ва шӯроҳои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва факултетҳо барои баррасии масъалаҳо оид ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, докторантура аз рӯи ихтисос (аспирантура) ва докторантура пешниҳодҳо манзур намояд;

- мукотибаи фаъолияти илмии раёсат (шуъба)-ро бо тамоми сохторҳо ба роҳ монад;

- намояндагии муассисаи таҳсилоти олии касбиро дар ташкилотҳои болоӣ, корхонаҳо, маҷлисҳои дахлдор оид ба масъалаҳои раёсат (шуъба) амалӣ намояд;

- маҷлисҳои хизматӣ ва техникиро оид ба масъалаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ даъват намояд;

- оид ба ҳавасмандкунии устодону омӯзгорони фаъол, ки саривақт корҳои илмӣ-таҳқиқотиро анҷом доданд ва ҳамчунин дар бораи дидани чораҳои интизомӣ нисбат ба устодону омӯзгороне, ки саривақт корҳои илмӣ-таҳқиқотиро иҷро накардаанд, ба ректорат пешниҳод манзур намояд;

- дар маҷлисҳои аттестатсионии магистрҳо, докторантон аз рӯи ихтисос (аспирантон) ва докторантҳо дар кафедраҳо иштирок намуда, аз онҳо иҷрои нақшаҳои инфиродиро талаб намояд ва ҳамчунин аз болои воқеъбинона арзёбӣ намудани сифати таҳсил ва фаъолияти магистрҳо, докторантон аз рӯи ихтисос (аспирантон) ва докторантҳо назорат кунад;

- роҳбарони илмии докторантон аз рӯи ихтисос (аспирантон) ва докторантҳоро барои ҳаллу фасли масъалаҳои баҳсталаб даъват намояд;

- дар якҷоягӣ бо маъмурияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба таъсиси заминаи муосири илмӣ-таҳқиқотӣ ва озмоишӣ ҷиҳати гузаронидани таҳқиқоти илмӣ аз тарафи устодону омӯзгорон, докторантон аз рӯи ихтисос (аспирантон), докторантҳо ва кормандони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мусоидат намояд;

- назорат аз болои хароҷоти воситаҳои пулии буҷети муассисаи таҳсилоти олии касбиро, ки барои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ҷудо шудаанд, анҷом диҳад;

- назоратро аз болои рафти супоридани ҳисобот оид ба корҳои иктишофӣ, патентӣ, литсензионӣ ва иттилоотӣ-маълумотӣ, ки ба муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон равона мегардад, анҷом диҳад;

- аз болои тартиби интихоб ва қабули довталабон ба магистратура. докторантура аз рӯи ихтисос (аспирантура) ва докторантура, аз ҷумла аз ҳисоби хатмкунандагони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар кафедраҳо ва факултетҳо назорат намояд.

5.2. Сардори раёсат (шуъба) барои иҷрои муқаррароти низомномаи мазкур масъул аст.

## 6. Тартиби ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Низомномаи раёсат (шуъба)-и илм ва инноватсия

6.1. Тағйироту иловаҳо ба Низомномаи раёсат (шуъба)-и илм ва инноватсия бо қарори Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ворид карда шуда, аз ҷониби ректор тасдиқ карда мешаванд.